**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор **Ибодуллозода А.И.**
_______________
“24” марти соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ))

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро яке аз проблемаҳои муҳимми илми методика - асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ” (дар заминаи матнҳои тахассусӣ) дарбар мегирад. Дар рисола ҳамзамон, бо таҳқиқи хусусиятҳои таълими забони тоҷикӣ дар риштаҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар муназзам ва мураттаб сохтани раванди таҳсил, корбасти роҳу усули самарабахши омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси “Таърих, Таърих ва ҳуқуқ”) мавриди ҳалу фасл қарор гирифтааст.

Бино бар ақидаи муаллифи рисола аҳамияти рӯзафзуни ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи фанҳои ҷамъиятӣ дар робита ба фарҳанги нутқ ва гуфтору навиштор, зарурати амалии таҳияи низоми босамари таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ, рушди маҳорат ва малакаи забондонӣ ва забоншиносии онҳо равшан мегардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф мутмаин аст, ки аҳаммияти баланд бардоштани савияи дониш

ва маҳорату малакаи нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)) мувофиқати комил дорад ва нуктаҳои асосии ин самти тахассуси зикршударо инъикос мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ**

Саҳми диссертант дар коркарди асосҳои бунёдии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, таҳияи системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих”, “Таърих ва ҳуқук») дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ, нутқи мураттаб ва салоҳиятмандии лингвистӣ пешниҳод шудааст. Дар рисола арзиши бебаҳои матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Муаллиф собит месозад, ки хусусиятҳои лингвистикаи матн ҳамчун рукни хоси илми методикаи муосир бо ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас – моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муошират ва нутқи мураттабу бонизом ба иҷрои асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ – коммуникативӣ, иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми муҳимроо ба иҷро мерасонад.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Каримова Д.О. дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир дар самти сифатан баланд бардоштани таълиму тарбияи насли наврас дар заминаи забономӯзӣ, таҳаввули куллӣ дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим коркард ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст, ки амсилаи (модел) пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои таълимии тахассусӣ

ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативии муҳассилин дар робита бо технологияҳои муосири педагогӣ ба фаъолнокии инфиродии онҳо мусоидат мекунад.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, ҳалу фасли проблемаҳои муҳимро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ҷумла, мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва матни таълимии тахассусӣ, коркарди асосҳои илми методикаи таълими забони тоҷикӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика, таҳқиқи мантиқии мафҳум ва моҳияти матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, коркарди системаи машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ (иртиботӣ) ва нутқи мураттаб ва монанди ин.

Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй дар таҳқиқи проблема ва масъалаҳои дар диссертатсия гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Муаллифи диссертатсия **фарзияи** таҳқиқотро воқеъбинона муайян карда, чунин пешбинӣ кардааст, ки таълими маданияти нутқ ва таълими босифати забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ вақте самарабахш мегардад, ки **агар** раванди омӯзиши ин фан дар заминаи матнҳои тахассусӣ роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятмандии забонӣ, коммуникативӣ-иртиботӣ, ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби донишҷӯён таъмин гардад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ бадастовардаи унвонҷӯй Каримова Д.О. аз он шаҳодат медиҳад, ки фарзияи аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда комилан тасдиқи амалии худро ёфтааст.

**Дар боби якуми** диссертатсия асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва фанни таълимӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, методикаи таълим ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика, вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ ба таври ҷиддӣ ва муфассал тавзеҳ ва таҳлил шудаанд. Муаллифи рисола оид ба ҳар як масъалаи боби якум андешаҳои худро аз назари интиқодӣ баён сохта, вобаста ба онҳо пешниҳоду тавсияҳо манзур кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ ва низоми ташаккули фарҳанги нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ шуда, таҳқиқоти озмоишии асосҳои бунёдӣ ва методологии парвариши салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳо натиҷагирӣ ва ҷамъбаст шудааст. Қобили зикр аст, ки дар боби дуюм яке аз масъалаҳои асосӣ таҳқиқи матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шуда, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба рушди салоҳиятҳои лингвистӣ, иттилоотию иртиботӣ ва маърифатию эҷодии донишҷӯёни риштаи ғайрифилологӣ мусоидат хоҳад кард.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикиро дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ муайян карда, хусусиятҳои кор бо матн, фаҳмидани маънои матн ва роҳу равиши рушди малакаҳои коммуникативии муҳассилинро аниқ кардааст. Аз ҳама муҳим муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар чорчӯбаи ташаккули фарҳанги нутқ дар заминаи матнҳои тахассусӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Каримова Д.О. аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо забони сарчашмаҳо ва донистани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

- ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълим дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён мебошад. Ин нукта дар афкори педагогии халқи тоҷик ва низоми таълиму тадрис асрҳои аср арзи ҳастӣ дорад, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолмандии шахсияти омӯзанда амалӣ карда мешавад;

- мақсади таълими забони тоҷикӣ такмили малакаю маҳорати суханварӣ ва баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, васеъ намудани ҷаҳонбинии гуманитарӣ дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи иттилоотӣ-коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикии донишҷӯён мебошад;

- ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ тавассути системаи машқҳо ба рушди салоҳиятмандии муҳассилин тақвият мебахшад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ, ки пешниҳод шудаанд, дар ташаккули инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯёни ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ» мақоми босазо дошта, ба рушди салоҳиятмандии лингвистӣ ва коммуникативии онҳо нигаронида шудааст Маводи дидактикии дар рисола ва махсусан дар қисмати замима ҷойёфта ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва машғулиятҳои амалӣ кумаки калон мерасонанд.

Самаранокии методологияи пешниҳодшуда бо маълумоти санҷиши озмоишӣ-назоратӣ собит карда шуда, имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ вусъат ва таҳким бахшида шавад.

Роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факультетҳои дигари ғайрифилологии муасисаҳои таҳсилоти касбии олӣ мавриди истифода қарор гиранд. Тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими забони тоҷикиро дар самти ташаккули малакаҳои кор бо матнҳои тахассусӣ таъмин хоҳанд кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани сифати таълими забони тоҷикӣ дар кулли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими забони тоҷикӣ қарор гиранд.

Тавсияҳои методиро метавон дар раванди омодасозии омӯзгорони фанни забони тоҷикии факультетҳои ғайрифилологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ, курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ ҷиҳати

такмили маҳорати касбии омӯзгорони зинаи олии таҳсилот, таҳияи диссертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ ва реферативӣ истифода бурд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ**

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии методистҳо, педагогҳо, психологҳо, забоншиносони ватаниву хориҷӣ омӯхта шуда, ҷанбаҳои педагогии кор бо матнҳои тахассусӣ таҳқиқ гардидаанд. Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии масъалаҳои мавриди назар далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу ҷамъбасти ғояҳои методологии таълим, принипҳои дидактикӣ ва ҷанбаҳои психологӣ, корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои боэътимоди методикаи таълими забон, илмҳои педагогика ва психология, тафсир ва тавзеҳоти мафҳумҳои асосӣ, истифода аз усулҳои интегратсия ва дифференсисатсия, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, педагогика ва психологияи донишгоҳ муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2018-2023 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии баргузоршуда ироа шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ ва ҳамзамон, ҳамчун забони муоширати ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон ба таври амиқ бояд таълим дода шавад, то ғановату имконоти забон дар таҳкиму густариши алоқаҳои гуногуни узви ҷомеа ба таври муфид ва самарабахш истифода гардад.

Мақсади таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ такмили малакаю маҳорати суханварии муҳассилин, баён карда тавонистани фикр, бе хато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ва интиқоли иттилоот, инчунин вусъати ҷаҳонбинии донишҷӯён дар такя бо фаҳмиши амиқи сатҳи коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ лингвистикаи матн буда, он имкон медиҳад, ки таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аз нигоҳи ҷамъбасти донишу маълумот аз забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии миллӣ ҷараён ёфта, дар ташаккули фарҳанги хониш, дарки образҳои асари бадеӣ, маҳорату малакаи ворид шудан ба ҷаҳони маърифат ва маънавияти муаллифи асари адабӣ, фаҳмиши комили мазмун ва мундариҷаи асари бадеӣ мусоидат менамояд.

Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Каримова Д.О. мушаххас, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ намоён карда, қобилияти хешро дар таҳлилу таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот собит месозад, ки он ҳама аз ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Заминаи эмпирикӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳар як давраи иҷрои кор, мантиқи афкор ва андешаҳои муаллифи рисола, забони илмии диссертатсия ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада**

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин кардаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқ буда, тасаввуроти мушаххасро оид ба моҳияти таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионии унвонҷӯ**

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо озод нест ва зикри онҳо барои таҳлилу такмили таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мебуд агар натиҷаҳои таҳқиқот дар муқоиса бо забономӯзии донишҷӯёни факултетҳои дигар – техникӣ, табиатшиносӣ мавриди назар қарор меёфт, то вазъи имрӯзаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар ин риштаҳо низ арзёбӣ мегардид.

2. Муаллифи диссертатсия дар боби якуми рисола дар банди 1.4 вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикиро дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба қалам оварда чунин зикр мекунад: “Омӯзгор дар ҳар як шароити гуфтор ва нутқи шогирдон ҳушёр бошад ва хатоҳоро сари вақт ислоҳ намояд”. Мутаассифона, муаллиф оид ба табиати хатоҳои бештар содиршавандаи нутқи шогирдон ҳарфе намезанад. Дар чунин маврид овардани якчанд мисол афкори муаллифро дар ин самт мушаххастар мекард.

3. Хуб мебуд агар дар рисола банди махсус оид ба роҳу усули луғатомӯзӣ ва истилоҳоти касбии донишҷӯёни риштаи тахрих ва ҳуқуқ

бахшида шуда, тарзи шарҳу баёни вожаҳои душворфаҳм мавриди ҳалу фасл қарор мегирифт.

4. Дар матни рисола ва автореферат ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ дучор мешаванд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ягон халал ва ё монеа ворид намесозанд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримова Дилором Отахӯҷаевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт Бобомуродова Маҳбуба Умриевна мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он

довталаби дараҷаи илмӣ Каримова Дилором Отахӯҷаевна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 9 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 26 марти соли 2024, №8).

**Раиси** ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир

**Эксперт**и таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистонба номи
Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ
Бобомуродова Маҳбуба Умриевна

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ
Каримова Зуҳро Мазиёевна

Сана 26.03.2024

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(918) 65 71 94; E-mail:

info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзоҳои Қосимӣ С.А., Бобомуродова М.У.
ва Каримова З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.